## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро- графикӣ" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Дар замони кунунӣ сатҳи сифати таҳсилоти муҳандисӣ-техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таъмин намудани эҳтиёҷоти воқеии соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти кишвар ба мутахассисони дорои донишу малакаи муосир зери таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар ва доираи васеи ҷомеа қарор дорад.

Бо назардошти зарурати воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ва татбиқи низоми кредитии таҳсилот дар раванди таълим таҳия ва иҷрои нақшаю барномаҳои таълим, дастурҳои таълимӣ-методӣ оид ба ташкилу назорати кори мустақилонаи донишҷӯён ва саволномаҳои санҷишии тестии онҳо бо истифода аз технологияҳои нави инноватсионии педагогии таълим муҳим арзёбӣ мегардад.

Вобаста ба фикрҳои болозикр мавзуи ба сифати таҳқиқоти дисертатсионӣ интихобнамудаи Боев Муродбек Бекмаҳмадович дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро- графикӣ" мубрам арзёбӣ мегардад.

Дастгоҳи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нуқтаи назари илмӣ дуруст тарҳрезӣ карда шуда, бозгӯи талабот оид ба анҷом додани таҳқиқоти илмӣ маҳсуб дониста мешавад. Унвонҷу дар такя бо таҳқиқотҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ коркард ва амалигардонии самтҳои

афзалиятноки ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони ояндаро тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ин ҷост, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии озмоишҳои илмии олимон оид ба асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзӯи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Аз сабаби дар донишкадаву донишгоҳҳои техникӣ оид ба масъалаи ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ таҳқиқоти илмӣ то ҳол мавҷуд набудан, масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқро ба худ ҷалб кардааст.

Боиси тазаккур аст, ки диссертатсияи номзадии Боев М.Б. ҷиҳати омода намудани мутахассисони касбӣ ва раванди таълими онҳо дар донишкадаю донишгоҳҳои олии кишвар саҳми арзандаи худро гузошта метавонад. Зеро тавсияҳои методии диссертатсия барои муҳаққиқони самти муҳандисӣ ҳамчун маводи мукаммал хидмат карда метавонад.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нукоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикррронӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки мундариҷаи асосии мавзуи диссертатсионӣ дар қисми феҳристи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудаст, ки аз 35 мақолаю дастурҳои таълимӣ иборат мебошад. Номгӯи интишороти унвонҷу ба мавзуи таҳқиқотӣ ба пуррагӣ мувофиқат мекунад ва бо боварӣ гуфтан мумкин, ки таҳқиқоти мазкур барои рушди таҳсилоти графикӣ саҳми босазои худро мегузорад.

Ҳамин тариқ, мазмуну мӯҳтавои автореферат фарогири ҳамаи қисматҳои муҳими диссертатсия буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва

унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва «Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Боев Муродбек Бекмаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), сазовор мебошад.

**Муқарриз**

номзади илмҳои педагогӣ,
иҷрокунандаи вазифаи дотсенти
кафедраи физика ва фанҳои техникии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Мирзоева Малика Пулодовна

**Суроға:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, факултети телекоммуникатсия ва таҳсилоти касбӣ, кафедраи физика ва фанҳои техникӣ.
Тел: (+992) 90-488-92-93. E-mail: maja62@mail.ru

*Имзои М. Мирзоеваро тасдиқ менамоям:*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.